# ШУЪБАИ СЕЛЕКСИЯ ВА ТЕХНОЛОГИЯИ ЧОРВОИ ШИРӢ

## ҲАЙАТИ КОРМАНДОНИ ШУЪБА



Назарова Шаҳло
мудири шуъба н.и.к



Аҳмадалиев Нормат
ХОДИМИ ПЕШБАРИ ИЛМӢ
д.и.к.,



Рӯзиев Тӯйчӣ
ХОДИМИ ПЕШБАРИ ИЛМӢ
д.и.к.



Нодирова Рухсора
ХОДИМИ
КАЛОНИ ИЛМӢ



Иброҳимов Абдурасул
ХОДИМИ КАЛОНИ ИЛМӢ



Курбонов Диловар
ХОДИМИ КАЛОНИ ИЛМӢ



Мунаваров Шаҳобиддин
ходими калони илмӣ



Саидова ЮЛДУЗ
ташхисгар

### АЗ ТАЪРИХИ
### ШУЪБАИ СЕЛЕКСИЯ ВА ТЕХНОЛОГИЯИ ЧОРВОИ ШИРӢ

Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар асоси қарори мушовараи кумитаи давлатии Шӯрои Вазирони СССР оид ба илм ва техника, аз 12 январи соли 1971 ва қарори Шӯрои Вазирони РСС Тоҷикистон аз 5 феврали соли 1971 таъсис ёфтааст ва шомили Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон мебошад. Аз 2 майи соли 2008 ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Институти чорводории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон номгузорӣ шудааст, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 02. 05.2008 №215 тасдиқ гардида, тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 08.07.2017 тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст. Баъдан он бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми августи соли 2020 Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон номгузорӣ гардид. Дар ин марҳила сохтори он низ таҷдид гардида, як қатор зерсохторҳои нав ташкил карда шуд.

Шуъбаи селексия ва технологияи чорвои ширдеҳ соли 1956 таъсис ёфтааст ва солҳои 1956-1971 роҳбарии шуъба ба уҳдаи Солдатенков Н.И. буда, аз солҳои 1971 то соли 1994 шуъба таҳти роҳбарии доктори илмҳои кишоварзӣ Аҳмадалиев Н.А. кор ва фаъолият намудааст. Аз соли 1994 то 1996 ҳамчун мудир Сатторов А.Қ. ва солҳои 1996-2022 доктори илмҳои кишоварзӣ Рӯзиев Т.Б. роҳбарӣ кардааст. Аз соли 2022 то ин ҷониб роҳбарии шуъба ба зимаи номзади илмҳои кишоварзӣ Назарова Ш.Б. мебошад.

Олимону мутахассисони шуъба дар ҳамкорӣ бо мутахассисони хоҷагиҳои базавӣ шароит фароҳам оварда, дар водии Вахш, дар солҳои 1937-1985 дар натиҷаи ҷуфтикунонии говҳои зебӯи маҳалӣ бо зоти буққаҳои швитсӣ корҳои илмию таҳқиқотӣ гузаронданд. Бо фармонӣ Вазорати хоҷагии қишлоқӣ собиқ СССР аз 4-ми марти соли 1985 «Дар бораи ҷинси нави дохилизотии чорвои швитсузебумонанд», ин чорво ҳамчун комёбии нави селексионӣ таҳти унвони «Ҷинси тоҷикии дохилизотии говҳои швитсузебумонанд» (ТСШЗ-1) тастиқ карда шуд. Ин дастовард баъдтар дар Комитети давлатии собиқ СССР оид ба ихтироъ ва кашфиётҳо муҳокима шуда, шаҳодатнома ба муаллифон дода шуд. Муаллифони типи мазкур Степанова Н.Г., Сатторов Ҷ.Қ., Горбунова Н.А., Кузнецова Н.А., Моторигина Л.П., Абрамов В.Ф., Жарков Р.Ш., Лозовая Г.С. мебошанд.

Олимону мутахасисони шуъба дар ҳамкорӣ бо мутахассисони хоҷагиҳои базавӣ шароит фароҳам оварда, барои ба вуҷуд овардани «Ҷинси тоҷикии дохили зотии говҳои сиёҳало аз тарафи олимони Институти чорводорӣ ва чарогоҳ дар се марҳила корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ гузаронида шуд, ки типи нави тоҷикии зоти сиёҳало (Аҳмадалиев Н. А., Рӯзиев Т.Б., Иргашев Т.О., Саматов А. ва дигар., № 6, 28.12.2001с.), маҳсулнокӣ – 5,0 - 7,0 ҳ.л., равғаннокӣ 3,85% ба вуҷуд оварда шуд. Дар натиҷаи идомаи корҳои селексионӣ ва таҳқиқотҳои илмӣ дар ин самт ба олимони шуъба муяссар гашт, ки зоти алои тоҷикии шириро ба вуҷуд оранд. Зоти ба вуҷуд оварда шуда, ҳамчун дастоварди селексионии олимони шуъба аз комисияи апробатсионӣ гузашта, ҳуҷҷатҳои лозимӣ барои тасдиқи зот ба Ҳукумати Ҷумҳурии пешниҳод карда шуд. Баъдан он бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 ҳамчун зоти чоровои алои сершири тоҷикӣ тасдиқ гардид.

### ҲАМКОРИИ ШУЪБА БО ХОҶАГИҲО

















### ДАСТОВАРДҲОИ ШУЪБАИ СЕЛЕКСИЯ ВА ТЕХНОЛОГИЯИ ЧОРВОИ ШИРӢ

Дар даврони истиқлолият аз тарафи кормандони шуъбаи селексия ва технологияи чорвои ширӣ 203 мақола, 12 китоб, 5 монография, 62 дастури таълимӣ ва методӣ ба табъ расонида шудааст. Дар ин давра дар шуъба 3 нафар докторони илмҳои кишоварзӣ ва 7 нафар номзадони илмҳои кишоварзӣ рисолаҳои худро ҳимоя намудаанд.Таҳти роҳбарии олимони шуъба 10 нафар ҳимояи рисолаҳои номзадии худро барои дифоъ омода намуда истодаанд.

Дар шуъба докторони илмҳои кишоварзӣ; Аҳмадалиев Н.А., Рӯзиев Т.Б., Амиршоев Ф.С., номзадони илм; Назарова Ш.Б., Рӯзиев Х.Т; ходимони калони илмӣ Иброҳимов А., Қурбонов Д; ходимони илмӣ; Мунаваров Ш.Ғ., Раҳматуллоев Ш.У. ходими хурди илмӣ; Нодирова Р. Саидова Ю.- лаборант кор ва фаъолият менамояд.

Олимони шуъбаи селексия ва технологияи чорвои ширӣ корҳои илмию таҳқиқотро доир ба мавзуъи нигоҳ дошатни хусусиятҳои ирсию маҳсулнокии зоти алои тоҷикӣ ва говҳои типи швитсузебумонанди тоҷикӣ оид ба пешбурди корҳои зотпарварӣ ва технологияи ҳозиразамон гузаронида истодаанд.

Роҳбари мавзӯъ: Аҳмадалиев Н.А. корманди пешбари шуъбаи селексия ва технологияи говҳои ширдеҳ, доктори илмҳои кишоварзӣ.

Иҷрокунандагон: докторони илмҳои кишоварзӣ Аҳмадалиев Н.А., Рӯзиев Т.Б., Амиршоев Ф.С., Назарова Ш.Б.- н.и.к.. ходими калони илмӣ, корманди илмӣ н.и.к. Рӯзиев Х.Т., Иброҳимов А. - ходими калони илмӣ., Қурбонов Д. – ходими калони илмӣ, Мунаваров Ш.Ғ., Раҳматуллоев Ш.У. -ходимони илмӣ, Нодирова Р.-ходими хурди илмӣ, Саидова Ю.- лаборант мебошанд.

Доир ба нигоҳ доштани генофонди типи швитсузебумонанди тоҷикӣ дар як қатор хоҷагиҳои зотпарварии вилояти Хатлон доир ба такмил додани хусусиятҳои ирсии чорвои зотҳои ширдеҳ дар хоҷагиҳои зотпарварӣ ва дар ин самт ҳар чӣ бештар ба роҳ мондани парвариш ва афзоишдиҳии буққаҳои типҳои тоҷикии швитсузебумонанд ва зоти алои тоҷикӣ, таъмин намудани чорвои хоҷагиҳои ҷамоавӣ, фермерию деҳқонӣ ва аҳолӣ бо буққаҳои наслдеҳи баландмаҳсул ва мукаммалгардонии хусусиятҳои ирсии онҳо мебошад.

Корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ доир ба нигоҳ дошатни хусусиятҳои ирсию маҳсулнокии зоти алои тоҷикӣ дар хоҷагиҳои ба номи Л.Муродов ва ба номи А. Юсупови шаҳри Ҳисор давом дорад. Барои модаговҳо нутфаи буққаҳои хориҷии зоти голштинӣ истифода бурда истодаанд